# ТАҚРИЗИ

**мукаррризи расмӣ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Ҳ.С. Саидов ба диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ).- Душанбе, 2024.-173 с.**

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович ба масъалаи муҳими таърихи умумӣ бахшида шудааст, ки аҳаммияти илмию назариявӣ дорад. Зеро масъалаи вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 яке аз масъалаҳои мушкил дар таърихи Афғонистони муосир мебошад. Рисолаи таҳқиқшаванда, нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси 6D020302-Таърихи умумӣ мутобиқати пурра дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳиммияти масъалаи таҳқиқшаванда, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки то имрӯз ба унвони чунин мавзуъ пажуҳиши комплексии илмии диссертатсионӣ анҷом наёфтааст. Афғонистон аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамчун минтақаи муҳимми стратегӣ муддати зиёд дар зери таваҷҷуҳи абарқудратҳо қарор дошта, бинобар сабабҳои дохилӣ ва хориҷӣ бӯҳрони шадиди сиёсиро сипарӣ намуда истодааст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Афғонистон аз ибтидои даст ёфтан ба истиқлол (1919) то имрӯз, дар роҳи эъмори давлати мутамарказ ба чандин падидаи номатлуби сиёсӣ рӯ ба рӯ гардидидааст, ки ин раванд то ҳол идома дорад.

**Дарачаи навгонии натчаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи мазкур яке аз аввалин кӯшишҳо дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷониба ва назариявию амалии масъалаи вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар солҳои 1992–2001 дар Афғонистон равона шудааст. Барои таҳлили моҳияти равандҳои ба қудрат расидани мухолифони исломӣ ва мушкилоти асосӣ миёни муҷоҳиддин, инчунин ба қудрат расидани «Толибон» муаллиф ба манбаъҳо, адабиёти илмӣ муроҷиат намуда, ба нуқтаи назар ва андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ назар андӯхтааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби геополитикӣ, минтақавӣ, этникӣ, мазҳабӣ, сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ ва ғайра мусоидат менамояд, зеро бидуни дарки ҷаҳонбинии таърихӣ, моҳият, хусусиятҳо ва мазмуни равандҳои навсозӣ ва ислоҳот бидуни касби истиқлоли комил ғайриимкон мебошад. Маводди диссертатсияро метавон дар раванди таълим дар макотиби олӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи кишварҳои форсизабон», «Таърихи умумӣ» мавриди истифода қарор дод.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб хулоса ва номгӯи адабиёт иборат мебошад.

Дар мукаддима муаллиф аҳамияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзуъ, ҳадафи таққиқ, предмет, объект, усулҳо, асосҳои назариявии таҳқиқ, нуктаҳои меҳварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сохтор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро, ки барои дифоъ пешнидод мешаванд, возеҳу равшан шарҳ додааст.

Боби якуми диссертатсия ***«Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва паёмадҳои он»*** ном дошта аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал ***«Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло»*** диссертант аз рӯйи маъхазҳо ва таҳқиқоти мутахассисони варзида заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибуллоро инъикос намудааст. Дар ин зербоб диссертант дар маҷмуъ, хориҷ гардидани нерӯҳои давлати Шуравӣ аз хоки Афғонистон ва аз кумаки ИҶШС ва Русия маҳрум гардидани доктор Муҳаммад Наҷибулло, шиддат гирифтани муборизаҳои қавмӣ ва гурӯҳӣ дар Афғонистон барои ҳокимият ва амалӣ шудани як нақшаи таҳрезишуда аз тарафи давлатҳои манфиатдор, ки хурӯҷи ИҶШС аз Афғонистонро сабабҳои асосии суқути низоми доктор Муҳаммад Наҷибулло арзёбӣ намудааст.

Зербоби дувуми боби якум ***«Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА)»*** унвон дорад. Дар асоси омӯзиши назари муҳаққиқон ва равандҳои сиёсие, ки дар Афғонистон сурат мегирифтанд, диссертант қайд мекунад, ки дар пушти тамоми бозиҳои сиёсӣ, махсусан ҷонибдорӣ аз гурӯҳҳои мухолиф ва ҳадафи ташкили давлати исломӣ Покистон қарор дошт ва 27-уми апрели соли 1992 дар Афғонистон зери таъсири омилҳои дохиливу хориҷӣ инқилоби исломӣ пирӯз шуд ва ҳукумати Наҷибулло суқут карда, роҳбари ҳукумати нав ба муҳлати ду моҳ Сибғатулло Муҷаддадӣ таъйин гардид. Дар идомаи баррасии мавзуъ унвонҷӯ

менависад, ки баъди С. Муҷаддадӣ тибқи созишномаи Пешовар, ба ҷойи ӯ роҳбари Ҷамъияти исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ таъйин карда шуд. Роҳбарии 4 моҳаи Раббонӣ бо шиддатёбии минбаъдаи муборизаи мусаллаҳи байниҳизбӣ хос буд.

Диссертант хулоса баровардааст, ки дар давраи мазкур қавмгароӣ, таассуб ва падидаҳои дигари номатлуби дар дохили Афғонистон ба миёномада пеши роҳи ташкили ҳукумати ҳамашумулро мегирифт.

Боби дуюми диссертатсия ***«Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ»*** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал ***«Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ: сабабҳо ва паёмадҳои он»*** оварда шудааст, ки то охири муҳлати ҳукумати Б. Раббонӣ Афғонистон мувофиқи принсипи «танзимӣ» («гурӯҳҳои ҳарбӣ-сиёсӣ») идора мешуд. Ин дар замоне буд, ки дар ҳукумат намояндагони қариб ҳамаи ҳизбҳо, ҳаракатҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои пароканда шомил буданд.

Ба назари дурусти диссертант яке аз сабабҳои асосии ҷанги дохилӣ дар ин буд, ки Кобул на ба дасти аҳзоби мусаллаҳ ва ҷангҷӯи пуштунҳои Пешовар, балки таҳти назорати фармондеҳии беҳтар муташаккили тоҷикон зери роҳбарии Бурҳониддини Раббонӣ ва сарфармондеҳи ӯ Аҳмадшоҳ Масъуд ва узбекҳои шимол бо сардории генерал Абдурашид Дӯстум афтод.

Диссертант хулоса баровардааст, ки гурӯҳҳои мухолифин, махсусан ҷунбиши «Толибон» бо таҳрик ва ташвиқи давлатҳои хориҷӣ ва ба кумаку ёриҳои ҳамаҷонибаи онҳо такя карда, дар фикру хаёли тақсим кардани Афғонистон шуданд ва ҳар кадоми онҳо ба ҳиссае аз сарзамини Афғонистон чашми тамаъ дӯхта буданд.

Зербоби дувуми боби дувум ***«Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ»***

унвон гирифта дар он диссертант омӯзиши раванди таҳаввулоти сиёсии нимаи аввали солҳои 90-уми Афғонистон нишон дода, қайд менамояд, ки дар ибтидо ташкили Давлати исломиро мардум хуб истиқбол карданд. Сабаби асосии эътирофи ин ҳукумат, пеш аз ҳама фароҳам гардидани баъзе имконоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буд.

Диссертант менависад, ки новобаста ба мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ, баъди ба сари қудрат омадани муҷоҳиддин, Афғонистон иштирокчии фаъоли сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ гардид. Намояндаҳои он дар ҷаласаҳои СММ ва Конфронси давлатҳои исломӣ иштирок карда, робитаи кишварро бо давлатҳои хориҷӣ густариш ва тақвият мебахшиданд.

Хулоса, даргириҳои сиёсӣ боиси рӯ ба таназзул овардани соҳаи маорифи кишвар гардид. Заиф гардидани раванди таълим дар кишвар зулму ҷоҳилиро зиёд намуд. Қудратҳои хориҷӣ, ки манфиатҳои худро дунбол мекарданд, соҳаи маорифро маблағгузорӣ накарданд, балки нерӯҳои тундгароро сарпарастӣ намуданд. Дур шудани аксарияти аҳолӣ аз таълиму тарбия боиси буҳрони маънавӣ ҳам гардида буд.

Боби сеюми диссертатсия ***«Зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон»*** аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали он ***"Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»*** таърихи тавлиди ҷараёни нави радикалии «Толибон» баррасӣ шуда, диссертант омилҳои дохилӣ ва хориҷии онро нишон додааст. Диссертант менависад, ки яке аз сабабҳои асосии тавлиди ҳаракати Толибон омили этникӣ-динӣ буда, ҳамчунин паст будани шароитҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ боиси пайдо шудани гурӯҳи нав –Ҳаракати «Толибон» гардиданд. Инчунин дар ташкили ҷунбиши «Толибон» ба сифати як гурӯҳи низомӣ-сиёсӣ нақши муҳимро омилҳои хориҷӣ бозиданд. Ҳадди ақал 4 давлат ба монанди Покистон, ИМА, Британияи Кабир ва Арабистони Саудиро метавон аз муассисони

ғайрирасмии ин ҷунбиш ном бурд. Заминаи асосии хориҷии ташаккули ҳаракати «Толибон» Покистон буд, ки ҳаматарафа онро дастгирӣ менамуд.

Зербоби дувуми ин боб ***«Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»*** номгузорӣ шуда, диссертант қайд менамояд, ки зуҳури «Толибон» маҳдудиятҳои зиёди иҷтимоӣ дар ҷомеа ворид карда шуданд. Аз ҷумла, духтарон ва занон аз ҳуқуқи кор ва таҳсил маҳрум шуданд. Азбаски дар мактабҳои писарона ҳам қисми зиёди муаллимон занҳо буданд, дар қисматҳое, ки «Толибон» ҳукмрон буданд, мушкилоти нарасидани муаллимон ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, бештари мактабҳои писарона низ баста шуданд.

Дар маҷмуъ, дар низоми «Толибон» занон қариб, ки зиндонии хона буданд, бидуни ҳамроҳӣ бо маҳрами худ аз хона баромада наметавонистанд.

Хулоса, афкори «Толибон», ки ба талаботи ҷомеа ҳеҷ созгор набуду мантиқан ҷомеаро ба қафо, яъне асрҳои миёна мебурд, боис шуд, ки тамоми самтҳои ҳаёти шаҳрвандон ба мушкилот гирифтор шавад.

Дар зербоби сеюми боби савум ***«Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ»*** ном дошта, дар баррасии масъалаи мазкур диссертант дуруст қайд менамояд, ки «Толибон» бо тарзу усулҳои асримиёнагӣ идораи давлатро ба роҳ монда, зулму истибдод ҳарчи бештар симои ҳақиқии «Толибон» - ро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ мекард. Ҷорӣ кардани тартиботи асримиёнагӣ, поймол кардани ҳуқуқи занон, аз байн бурдани осори тамаддуни қадима дар мисоли муҷассамаҳои Буддои 56 метра ва 36 метра дар Бомиён, табдили Афғонистон ба марказӣ тайёр намудани террористони байналмилалӣ бо сарварии Усома Бини Лодан, кишт ва истеҳсоли маводди мухаддир, нуқтаи назари бисёр давлатҳо, аз ҷумла ИМА-ро нисбати «Толибон» дигаргун сохт.

Хулоса, дар натиҷаи хуҷумҳои муваффақонаи НАТО ҳукумати «Толибон» дар Афғонистон ба шикаст дучор гардида, охири моҳи ноябри соли 2001 дар шаҳри Бонн зери роҳбарии СММ конференсияи байналмилалӣ оид ба ташкили Ҳукумати нави Афғонистон баргузор гардид.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ мебошанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳо ва хулосаҳое, ки дар соҳаи афғонистоншиносӣ истифода мешаванд, хислати навгонӣ доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд, ки олимони соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ҳангоми фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва амалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд.

Маводи диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани асарҳои илмӣ оид ба таърихи умумӣ, таърихи Афғонистон, инчунин дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшаванда**. Унвонҷӯ, оид ба диссертатсия худ 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва

мушкилоти давлатсозӣ» аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи Низомномаи КОА оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович низ баъзе нуқсону норасоӣ ба назар мерасанд:

1. Муҳаққиқ аз сарчашмаҳои зиёд (175 сарчашма) ихтибосҳо оварда, танҳо бо андешаҳои муҳаққиқон махдуд шуда, андешаҳои худро камтар руи қоғаз овардааст.

2. Дар руйхати адабиёт номи муҳаққиқоне оварда шудаанд, ки дар қисмати омӯзиши мавзуъ, зикр нашудаанд ва маълум нест, ки оё таҳқиқоти онҳо мавриди истифодаи муаллиф қарор доранд ё не.

3. Мутаасифона, бояд қайд кард, ки гурӯҳҳои зиёди мутахассисони соҳаи таърих дар кишварҳои ИДМ оид ба масоили омӯзиши таърихи Афғонистон вуҷуд доранд, ки диссертант аз онҳо сарфи назар кардааст.

4. Дар рисола хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дида мешавад.

Аммо эродҳои зудислоҳшаванда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, зеро диссертатсия дар мавзуи муҳими таърихи умумӣ навишта шуда, унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои таҳқикро ба пуррагӣ ичро кардааст ва мазмуни кор бо ихтисоси илмӣ ба таври комил мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуқтаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони муосир ба масъалаи вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон (солҳои 1992-2001) равшанӣ меандозанд. Мундариҷаи автореферат бо матни диссертатсия комилан мутобиқат намуда, теъдоди мақолаҳои дар маҷалаҳои тақризшаванда ба нашррасидаи диссертант

кофӣ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсия дар мавзӯи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» кори ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба талаботи бандҳои 31-35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, тахти №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдусаматов Бекбобо Бурихонович – сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) мебошад.

Доктори илмҳои сиёсатшиносӣ,
профессори кафедраи муносибатҳои
байналмилалӣ ва дипломатияи
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон Саидов Ҳ. С.

Имзои Ҳ.С. Саидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои ДСТР Раҳимов А. А.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30,
Телефон: 372 21 3550 , E-mail: rajal956@mail.ru

03. 12. 2024.